# ТАҚРИЗ

**барои автореферати рисолаи Гадоев Маъруф Аҳмадович дар мавзӯи: "Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ пешниҳод гаштааст.**

Теъдоди беморони гирифтори сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд аст. Дар соли 2021 гирифторшавӣ ба бемории сил 40,3%-ро ташкил дод. Ҳамин тавр, сили шуш ва сироятҳои урогениталӣ мушкилоти дугона маҳсуб ёфта, ба маҳвсозии системаи масуният: звенаҳои гуморалӣ, ҳуҷайравӣ ва ғайра мусоидат мекунанд.

Муаллиф тавонистааст, ки фаҳмиши муосиррро оид ба сабаб ва оқибатҳои паҳншавии СБРАҶГ дар заминаи сирояти сил, ки ба ҷараёни клиникии сироятҳои урогениталӣ таъсир мерасонад, то андозае муфассал инъикос намояд. Инчунин, ба хусусиятҳои вайроншавиҳои масунӣ ва хусусиятҳои табобати беморон эътибор дода шудааст. Аз ин рӯ, гузаронидани тадқиқот оид ба мушкилоти номбурда дар марҳилаи ҳозира хеле муҳим аст. Тадқиқотҳо оид ба такмили ташхис, омӯзиши хусусиятҳои ҷараёни клиникии СБРАҶГ ва сили шуш, ислоҳи муолиҷа ва оқибатҳои он дар заминаи норасоии масунияте, ки ҳарду сироят ба вуҷуд овардаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудаанд.

Муаллиф тадқиқотҳои клиникӣ, инструменталӣ ва микробиологии СБРАҶГ ва силро нисбатан муфассалтар тавсиф мекунад. Усулҳои табобати ду сирояти омӯхташуда муфассал оварда шудаанд.

Ҳангоми баҳодиҳии муқоисавии нишондиҳандаҳои масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалӣ дар ҳарду гурӯҳ исбот карда шуд, ки раванди илтиҳобӣ дар нишондиҳандаҳо ҳангоми ҷараёни шадиди раванди сироятӣ

дар беморони гурӯҳи асосӣ тағйиротҳои возеҳ дорад. Миқдори лимфоситҳо нисбат ба беморони ҷараёни музмини СБРАҶГ 1,3 маротиба зиёд буд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло тадқиқоти М.А.Гадоев, бешубҳа, аҳамияти хосро доро мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин муаллиф, ҳамчун духтури клиникӣ зарур донистааст, ки як қатор усулҳои лабораторӣ ва инструменталиро азхуд кунад. Муаллиф дар назди худ ҳадафи дақиқ гузоштааст-беҳтар кунонидан ва такмил додани муолиҷаи сироятҳои урогениталӣ дар беморони сили шуш бо назардошти вайроншавиҳои масунии ошкоршуда ва хусусиятҳои клиникӣ- лабораторӣ.

Самаранокии табобат дар бемороне, ки муолиҷаи комплексии зидди сироятҳои урогениталӣ ва бемории сили шушро бо ворид кардани иммуномодулятори Тимогар ва Азитромитсин гирифта буданд, ба таври назаррас баландтар буд.

Тадқиқоти илмии М.А.Гадоев кори анҷомёфта буда, дар он роҳҳои нави ҳалли мушкилоти муҳими илмӣ оид ба ташхис, ҷараёни хоси клиникӣ ва такмили табобати беморони гирифтори СБРАҶГ дар якҷоягӣ бо бемории сили шуш пешниҳод гаштааст.

Хулоса рисолаи илмии Гадоев М.А. аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои иҷрошуда, аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада тадқиқоти пешниҳодшуда ба талаботҳои фасли 3, бандҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ…», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 барои диссертатсияҳои номзадӣ тасдиқ гаштааст, мутобиқ буда, худи унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб сазовор мебошад ва муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ сазовор мебошад.

**Профессори кафедраи**
**фтизиопулмонологияи МДТ "ДДТТ**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино", д.и.т.** **Сироҷиддинова У.Ю.**

Имзои/подпись Сироҷиддинова У.Ю.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« » 20 с/г

09.06.2022